**Тақризи**

муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)

Мусаллам аст, ки таҳқиқи воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар марҳилаи кунунӣ яке аз муаммоҳои мубрам дар омӯзиши муқоисавии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои гуногунсохтор муаррифӣ мешавад, чун дар қонуниятҳои ташаккули навъҳои гуногуни воҳидҳои мураккаби забон вижагиҳои ба худ хоси забон дар умум дида мешавад. Бинобар ин таҳқиқу баррасии вижагиҳои сохторӣ ва тарзу намудҳои алоқамандии воҳидҳои забон аз самтҳои мубрами пажӯҳиш дониста мешавад. Дар ин робита мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар баробари набудани пажӯҳишҳои махсус оид ба воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчунин дар арзиши баланди илмӣ доштани он дида мешавад. Дар баробари ин диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи муқоисавии асарҳои асл ва тарҷумавӣ чун омили муҳими таъсир ба сифати тарҷума ва дигар вижагиҳои забон бахшида шудааст, ки муҳимияти таҳқиқотро ба маротиб боло мебарад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ пажӯҳишу омӯзиш ва нишон додани вижагиҳои монандӣ ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи сохтору маънӣ ва тобишҳои маъноии онҳо дар асоси маводи асарҳои бадеӣ ба забонҳои тоҷикиву англисӣ муайян карда шудааст, ки басо муҳим ва айнизамонӣ арзёбӣ мегардад. Барои татбиқи ҳадафи пешгузоштаи худ муҳаққиқ вазифаҳои басо муҳимро ҳаллу фасл намудааст, ки таҳлилу тавсифи афкори олимону забоншиносон роҷеъ ба воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муайян ва тасниф намудани воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисашаванда, мушаххас намудани умумият, монандӣ ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва ангисӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа дониста шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки воситаҳои алоқаи наҳвӣ бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ин росто воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба семантикаи калимаи асосӣ ё вобаста бо дарназардошти басомади корбурди онҳо тасвир карда шудаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқоти диссертатсионии докторант дар татбиқи ду вазифаи муҳим чун муайян намудани монандӣ, мувофиқат ва айният дар низоми муқобилгузории забонҳои мазкур ҷиҳати мушаххас намудани умумиятҳои типологии забонӣ ва муайян намудани номувофиқатӣ, гуногунӣ ва мавридҳои фарққунанда дар низоми мураттабгардидаи забонҳои қиёсшаванда дида мешавад, ки басо муҳим ва арзишманд аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки хулоса ва маводи дар диссертатсия матраҳгардида метавонад ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, зимни таҳия ва таълифи грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва инчунин ҳангоми ташкили курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳияи корҳои гуногуни таҳқиқотӣ истифода шаванд.

Хулоса, саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки мавзӯйи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор мегирад ва вижагиҳои корбурди воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар асоси асарҳои бадеӣ низ муваффақона ошкор шуданд.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 164 сафҳаи чопи компютерӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти назарию амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Ҳамзамон дар боби мазкур таъриф ва шарҳи мафҳумҳои “ибора” ва “ҷумла”, “воситаи алоқа” ва “намудҳои асосии воситаи алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисашаванда” марвиди баррасӣ қарор мегирад.

Дар фасли якуми боби якум муҳаққиқ доир ба мафҳумҳои ибора ва ҷумла дар забоншиносӣ сухан намуда, вижагиҳои ин ду мафҳуми мураккаб ва фарқи онҳоро дар забонҳо мушаххас намудааст. Дар бораи ибора чунин нуктаро таъкид намудааст, ки ибора воҳиди номинативии забон буда, аз калимаю таркибҳои маънодор бо алоқаҳои тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад ва нисбат ба калима маънои мукаммалтарро ифода мекунад. Дар баробари ин ифодаи муносибати предикативӣ, ки ба воқеъ шудани амалу ҳолати ҷумла далолат намуда, хусусияти хабардиҳӣ дорад, маънои грамматикии ҷумларо дар бар мегирад. Ба андешаи муҳаққиқ ҷумлаи мураккаб воҳиди олиташаккули

грамматика аст, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва интонатсия мебошад.

Фасли дуюми боби якум ба мафҳуми «воситаи алоқа» дар забоншиносӣ ва таҳқиқи он бахшида шудааст. Воситаи алоқаи наҳвӣ яке аз воситаҳои асосӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маҳсуб меёбад, зеро вижагиҳои миллии ҳар як забон маҳз дар қоидаву қонунҳои алоқаи калимаҳо барҷаста ҳувайдо мегардад. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки муносибати наҳвӣ ва алоқаи калимаҳо дар забонҳои мавриди қиёс ба воситаи унсурҳои шаклии калимаҳо, ба монанди бандаки изофӣ, бандакҳои феълию хабарӣ ва бандакҷонишинҳо, инчунин бо ёрии пешоянду пасояндҳо ифода меёбад. Умуман дар фасли мазкур докторант тавонистааст, ки мафҳуми воситаи алоқа дар забонро ба таври бояду шояд баррасӣ намояд ва андешаҳои ҷолиб нисбат ба ин масъала иброз намояд.

Дар фасли сеюми боби якум сухан дар бораи намудҳои асосии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад, ки баррасии ин масъалаи муҳими илмӣ низ аз тарафи докторант муваффақона анҷом пазируфтааст. Муҳаққиқ хеле бамаврид таъкид менамояд, ки дар ташаккули ибора ва ҷумлаҳои мураккаби забонҳои муқоисашаванда воситаҳои грамматикӣ ва махсусан воситаҳои гуногуни алоқа нақши муҳим мебозанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Алоқаҳои пайваст дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дорои чаҳор фасл аст ва дар ин боб дар фаслҳои мантиқан пайдарҳам сухан дар бораи алоқаи пайвасти пайиҳам, пайвасти хилофӣ, пайвасти ҷудоӣ ва алоқаи бепайвандак дар забонҳои муқоисашаванда ва баррасии амиқи илмии онҳо меравад.

Дар фасли аввал дар бораи алоқаи пайвасти пайиҳам сухан рафта таъкид мешавад, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоқаи пайвасти пайиҳам бо пайдарҳам омадани калима ва ҷумлаҳо ва бо истифодаи пайвандакҳои алоқаи пайваст ташаккул меёбад. Докторант тавонистааст, ки доир ба ин намуди алоқаи воҳидҳои забон мисолҳои ҷолиб оварда, онҳоро муқоиса намояд ва хулосаҳои худро доир ба вижагиҳои ин намуди алоқа иброз намояд.

Дар фасли дуюми боби дуюм таҳти унвони «Алоқаи пайвасти хилофӣ» таъкид мешавад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои ифодаи алоқаи хилофӣ пайвандакҳои хилофӣ – аммо, вале, лекин ба кор бурда мешаванд, муодили онҳо дар забони англисӣ барои ифодаи маънои хилофи байни мафҳумҳои ибора ва маънои хилофи байни ҷумлаҳо пайвандаи "but" истифода мешавад. Вобаста ба ин намуди пайвандакҳо ва мавридҳои истифодаи онҳо докторант тавонистааст мисолҳои ҷолиб ва бамаврид оварад. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки дар забони тоҷикӣ муодили пайвандаки "while" пайвандакҳои "аммо", "лекин", "вале", "балки", "вагарна", "набошад", "ҳол он ки", "вақте ки" аст ва чунин дарёфт ва муқоисаи воҳидҳои грамматикӣ аз пешрафти назарраси муҳаққиқ дар рисолаи диссертатсионӣ мебошад.

Дар фасли сеюми боби дуюм сухан дар бораи алоқаи пайвасти ҷудоӣ меравад ва таъкид мешавад, ки дар алоқаи калима, ибора ва ҷумлаҳои забонҳои таҳқиқшаванда бештар пайвандакҳо нақши асосиро мебозанд. Дар ҳар ду забон ҳам ин тарзи алоқа ба воситаи пайвандакҳои ҷудоии “ё ... ё”, “ё ки”, “ё ин ки” ва муодили онҳо дар забони англисӣ “either… or”, “neither … nor” сурат мегирад. Дар фасли мазкур доир ба пайвандакҳои ҷудоии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ мисолҳои арзишманд оварда, таҳлил карда шудааст.

Фасли чоруми боби дуюм ба масъалаи мубрами грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чун алоқаи пайвасти бепайвандак бахшида шудааст. Дар асоси мисолҳои мушаххас ва далелҳои ҷолиб муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки дар алоқаи калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои бепайвандак муносибати маъноӣ, тартиби калима, такрор, оҳанг мавқеи назаррас доранд ва дар ин росто оҳанг воситаи муҳимтарини алоқаи тобеъ дар сохтусози ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Алоқаи тобеъ дар ҷумлаҳои забонҳои муқоисашаванда» унвон дошта, аз дувоздаҳ фасл иборат аст. Дар боби мазкур роҳҳои ифодаи алоқаҳои вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ба андешаи муҳаққиқ ин навъи алоқа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои воситаҳои наҳвии ба худ хос мебошад ва алоқаи тобеъ ҳам ба ибора ва ҳам ба ҷумла мансуб аст. Дар алоқаи тобеъ ибора ва ҷумлаҳо байни якдигар дар муносибати вобастагӣ мебошанд. Докторант басо бамаврид таъкид менамояд, ки мувофиқи алоқаи тобеъ як ҷузъи воҳиди наҳвӣ изофӣ буда, ҷузъи дигар ба он аз ҷиҳати грамматикӣ тобеъ мебошад ва онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад. Доираи ифода ва истифодаи воситаҳои наҳвӣ дар алоқаи тобеъ нисбат ба алоқаи пайваст хеле васеъ мебошад. Воситаҳои грамматикии ифодаи он хеле гуногун аст, дар алоқаи онҳо калимаҳои ёридиҳанда, пешоянд, пасоянд, бандаки изофӣ, бандакҳои феълӣ ва хабарӣ, тартиби калима ҳамчун воситаи грамматикӣ хизмат мекунанд.

Дар хулоса ба тариқи фишурда ва ҳадафмандона натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст гардида, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки воситали алоқаи наҳвӣ аз воситаҳои муҳими грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, муқоисаи онҳо ба масъалаҳои мубрами ин ду забони ба ҳам хеш равшанӣ андохтааст.

Ҳамин тавр аз таълифоти марбут ба мавзӯи таҳқиқ ва аз муаррифии дастовардҳои илмӣ дар конференсияҳои илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ дар шакли баромад ва суханрониҳо дида мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқ ба таври бояду шояд муаррифӣ шудаанд ва вобаста ба мавзӯи мавриди тадқиқ докторант 16 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз ин теъдод 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр шудаанд.

Диссертатсияи таҳиянамудани Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ аз он ҷиҳат ҷолиб дониста мешавад, ки он дар асоси таҳқиқоти назарии забоншиносии муосир ва дигар манбаъҳои арзишманди илмӣ таҳия гардида, дар пажӯҳиши масъалаҳои мубрам методҳои маъмул ва мустаъмали таҳқиқоти илмӣ мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Дар анҷоми диссертатсия феҳрасти адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашударо дар бар мегирад ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Услуб ва бандубасти тадқиқот. Диссертатсия бо забони хубу фаҳмои илмӣ таълиф гардида, муқоиса ва бандубасти маводи мавриди таҳқиқ дар бобҳо ва фаслҳои мантиқан мураттаб ва пайдарҳам бо таҳлили ҷолиб оварда шудааст.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои тадқиқоти диссертатсионӣ. Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона ва бамаврид такя кардааст. Феҳристи адабиёт 184 номгӯи манобеи илмӣ ва татбиқиро фаро гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи Шиносномаи тахассуси илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300. - Забоншиносӣ (6D0205011. - Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) иҷро шудааст.

Эродҳо оид ба диссертатсия. Ба нуқтаҳое, ки дараҷаи илмию назарии тадқиқотро коҳиш намедиҳанд, чунин эродҳо мансубанд:

1. Ҳарчанд ки ба таъкиди докторант мавзӯи мавриди таҳқиқ дар забоншиносии англис “нисбат ба забони тоҷикӣ фарохтару дақиқтар таҳқиқ гашта бошад ҳам” (Диссертатсия, с. 5), дар матни диссертатсия ва дар қисматҳои дараҷаи таҳқиқи муқаддима, ҳамчунин дар қисмати таҳқиқи назарии масъала баррасии мавзӯъ аз нигоҳи забоншиносони англис камрангтар баррасӣ гардидааст.

2. Дар истифодаи истилоҳот ва таъбироти илмӣ, номи баъзе ашхос дар мавридҳои ҷудогона гоҳ-гоҳ духӯрагиҳо дида мешавад. Чунончи дар сафҳаи 91 истилоҳи «тағйирёбии таҳаввулӣ» ва ё номи забоншинос О. Есперсен дар чанд маврид дар шакли “О. Есперсон” оварда шудааст. Ба ҷои истилоҳи «тағйирёбии таҳаввулӣ» беҳтар буд, ки истилоҳи «тағйирёбии пайдарҳам» истифода шавад, зеро ҳам тағйирёбӣ ва таҳаввул бо маъноҳои ба ҳам наздик истифода шудаанд.

3. Феҳрасти адабиёт мебоист тибқи талаботи амалкунанда таҳия шавад ва ҳамчунин дар он риояи ягонагии таҳия дида намешавад. Масалан овардани маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ҳамчун манбаи ягонаи илмӣ дар феҳристи адабиёт таҳти рақамҳои 151, 152, 153 (Диссертатсия, саҳ.

159) ба меъёр мувофиқ нест, зеро аз маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳо мақолаҳои ҷудогонаи муаллифон, ки дар пажӯҳиш истифода мешаванд ва ё ба масоили мубрами таҳқиқ наздиканд, бо нишондоди номи муаллиф ва номи мақола дар сафҳаҳои маҷалла оварда мешавад.

4. Ишора ва истинод ба манобеи илмӣ ва тасвири библиографии манбаъҳои мавриди истифода дар матни диссертатсия ва автореферат бояд яксон ва ба стандартҳои амалкунанда мувофиқ карда шавад. Зеро дар автореферат ба забони тоҷикӣ ва русӣ ишора ба адабиёт ва манобей оварда шудааст, аммо дар анҷоми матни автореферат феҳристи адабиёти истифодашуда мавҷуд нест.

5. Ҳамзамон дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (4, 8, 11, 16, 18, 27, 36, 42, 55, 63, 87, 117, 131) ва услубию китобатӣ (5, 12, 14, 18, 22, 34, 46, 63, 74, 81, 109, 129) ҷой доранд.

6. Чунин ғалатҳои имлоӣ ва услубию техникӣ, ки дар матни диссертатсия ҷой доранд, дар саҳифаҳои гуногуни автореферати он низ ба мушоҳида мерасанд.

Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки эродҳои марбут ба диссертатсия ва автореферати он арзиш ва моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои докторант саҳлу имконпазир аст.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дониста шавад.

Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология — Мухторов Зайнидин Мухторович

Сана: 15.01.2020

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822

Имзои З.М. Мухторовро «тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Абдуалимзода И.И.